ПРОТОКОЛИ № 30

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

24 ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

Раиси шуро: Муродзода А.А.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд тасдиқгардида 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Изатов Юсуфбек Миралиевич дар мавзуи «Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ).

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Маликов М.Х ва аъзои комиссия Додхудоева Л. Н. ва Гадоев Ғ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Изатов Юсуфбек Миралиевич дар мавзуи « Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Изатов Юсуфбек Миралиевич дар мавзуи « Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX»

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Мирзозода Тоҷиддин Мирзоалӣ - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Назаров Фахриддин Алланазарович - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии “Донигоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 7 январи соли 2027, соати 13:^{00} муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: ҷонибдор - 13, муқобил -нест, бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои таърих, дотсент **Муродзода А.А.**

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори
фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси таърих **Мирзоев Ш.Ҷ.**

24 ноябри соли 2026